# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна ба таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ бахшида шудааст, ки дар солҳои охир доираи мавзуъҳои забоншиносии муқоисавӣ васеъ мегардад ва баррасии масъалаҳои тарҷумаи воҳидҳои забон бо таваҷҷуҳ ба хусуияти матнҳои махсус, алахусус дискурси сиёсӣ, яке аз самтҳои нав ва аҳамиятнок маҳсуб меёбад. Гузашта аз ин, таҳқиқи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои забон дар замони муосир вусъати тоза пайдо карда, дар шароити навини муносибатҳои мустақими Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои гуногун, алалхусус кишварҳои англисзабон, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ зарурати таъмини забонии ин равандҳоро собит месозад. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки аксарияти корҳои таҳқиқотии анҷомшуда дар самти муқоиса ва тарҷумаи англисӣ-тоҷикӣ анҷом дода шудаанд, дар ҳоле ки роҳу воситаҳои оммавӣ гардонидан ва ба самъи мухотабҳои хориҷӣ расонидани кӯшишҳо ва ташаббусҳои сиёсии роҳбарияти олии кишвар, ки дар дискурси сиёсӣ бо истифода аз воҳидҳои луғавию дастурии махсус сурат мегирад, муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи мазкур, ки дар он хусусияти луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи тарҷума мавриди таҳлилу баррасии махсус қарор мегиранд, ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ бахшида шудааст.

Дар диссертатсияи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст ки хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дисрурсро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ намуда, таҳлили муқоисавии вижагиҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума таҳлил намояд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Иматова Манижа аз он иборат аст, ки хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир дараҷаи фаъолнокии тамосҳои забонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ собит гаштааст ва дар ин ҷода шубҳае нест, вале сифати тарҷумаи унсурҳои забонии дискурси сиёсӣ то ба ҳол аз madди назари касбии мутахассисони соҳа дур мондааст.

Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки аксарияти корҳои таҳқиқотии анҷомшуда дар самти муқоиса ва тарҷумаи англисӣ-тоҷикӣ анҷом дода шудаанд, дар ҳоле ки роҳу воситаҳои оммавӣ гардонидан ва ба самъи мухотабҳои хориҷӣ расонидани кӯшишҳо ва ташаббусҳои сиёсии роҳбарияти олии кишвар, ки дар дискурси сиёсӣ бо истифода аз воҳидҳои луғавию дастурии махсус сурат мегирад, муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертасияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ гардидааст, таълиф шудааст. Дар қимасти муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуи интихобшударо асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии

таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021300 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқ мебошад.

Дар хулоса муҳаққиқ мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба таври алоҳида бо рақам натиҷагирӣ кардааст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро пурра инъикос менамоянд. Феҳристи адабиёт дар асоси меъёр ва талаботи мавҷуда мураттаб гардидааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ки ба мазмун ва мундариҷаи диссератсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Иматова Манижа Кудратовна дар мавзӯи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба

талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилаллии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Мухторов Зайниддин Мухторович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

- **Камолова Гулрухсор Рустамовна** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалли забонҳои хориҷии Тоҷикистон

ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Каримов Шуҳрат Бозорович

**Аъзои комиссияи ташхис:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент
узви Шурои диссертатсионӣ Матробиён Саодатшо Қосимзода

номзади илмҳои филологӣ, дотсент
узви Шурои диссертатсионӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

« 23» июни соли 2023

Имзоҳои Ш.Б.Каримов, С.Қ. Матробиён ва Г.З.Абдуллоеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. УЛУҒЗОДА РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj, E-mail : ddzt@ddzt.tj